# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Таҳқиқоти Шукурзода Хуршеди Абдумумин ба яке аз масъалаҳои мубраму муосири педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ бахшида шудааст. Такмили раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ барои баландбардорӣ, самаранокӣ ва сифати он робитаи бевосита омодагии касбии омӯзгор вобастагии ногусастанӣ дорад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки аз дараҷаи азбаркунии донишҳо, маҳоратҳою малакаҳои омӯзгор ба донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои хонандагон ниҳоят вобаста буда, боиси салоҳиятнокӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо мегардад.

Яке аз воситаҳои самаранокии фаъолияти омӯзгори оянда: маҳорати эҷодӣ, салоҳияти таҳқиқотӣ дарки мустаҳкамии ягонагии раванди таълим ва таҳқиқотӣ, ки боиси имконияти васеи ҷалби донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ ба кори таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад. Ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки онҳо фаъол бошанд, мустақилияти ҳар яке таъмин шавад ва ҳамзамон имконияти ташаккулёбии маҳоратҳои таҳқиқотӣ дар асоси вуқӯъёбии мақоми омӯзгор-муҳаққиқ мусоидат менамояд.

Баҳри тақвият додани корҳо доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки он аҳамияти амалии кори таҳқиқотиро нишон медиҳанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Шукурзода Хуршеди Абдумумин аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба дастомада, ба: чунин қисми

таркибӣ ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид шуда аст. Дар кор мафҳуми «омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ» ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардидааст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян карда шуда аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад асоси назариявии коркардиояндаи ин масъала шуда метавонад. Инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳбудии раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо мегардад, муҳити мусоидро фароҳам меорад. Маводи таҳқиқотиро метавонанд дар инкишофи системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода кардан ба маврид аст.

Масъалаи баррасишаванда ниҳоят рӯзмарра буда, ҳалли он имконияти мусоиде ба омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ мебошад. Барои ин, раванди таълим боиси инкишофи фаъолнокии азхудкунӣ ва мустақилияти хонандагон гардад, ташаккули дар кӯдакон саъйи ба ҷустуҷӯйи донишҳои нав, худи омӯзгор бояд дорои сифатҳои шахсияти эҷодкор, кӯшиш ба фаъолияти таҳқиқотии педагогӣ бошад. Айнан аз як тараф, омӯзгор бояд дорои салоҳиятҳои корҳои таҳқиқотӣ бошад, чунки вай вазифадор аст, ки хонандагони худро ба ин салоҳиятҳо ҳидоят кунад, аз ҷониби дигар – зарурияти ин аз талабҳои дар назди омӯзгор, ҳамчун иштирокчии раванди навгониҳои мактаби муосир, инчунин иштирокчии роҳҳои баландбардории сифати таълиму тарбияи хонандагон мебошад

Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф (солҳои 2016-2021) баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия дар 18 мақолаҳое, ки нуктаҳои асосии таҳқиқотро ифода мекунанд, чоп гардидааст, ки аз онҳо

панҷтояшон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия тааллуқ доранд.

Мақсади умумии таҳқиқот аз таҳлили аҳамият, хусусият, сохтор, мазмуну мақсади таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, ба: муайянкунии моҳият ва мазмуни омодагии ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ; коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»; роҳҳо ва усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»; истифодакунии таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор ва санҷидани самаранокии озмоиши андешаҳои коркардӣ методӣ оид ба ҷалби муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ иборат мебошад.

Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муаллимони синфҳои ибтидоии шаҳри Душанбе ба таври озмоиши омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Автореферат пайдарпайии навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад. Кори пешниҳодгардидаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин таҳқиқоти мустақилонаву ба анҷомрасонида буда, ки навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва ба ҳамаи ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дарачаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиӣ ва
методикаи таълими они факултети омӯзгорӣ ва
фарҳангии Донишгоҳи давлати Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
Корманди шоистаи Тоҷикистон: Изатуллоев К.

Имзои Изатуллоев К.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Ф. Амиров